*Лоиҳа*

**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-073-и назди**
**МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

*Парвандаи аттестатсионии №…….*
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 5-уми апрели соли 2024, №5*

Барои сазовор донистани Хайруллозода Кароматулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

Диссертатсияи номзадии Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи «Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-073 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (735700, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбековҳо, 1; Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2023, № 162/шд) санаи 19-уми январи соли 2024 (Суратмаҷлиси №3) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло соли таваллудаш 1993, миллаташ тоҷик мебошад, соли 2016 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Солҳои 2016-2020 дар МТМУ №23-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба сифати муаллими фанни таърих ва ҳуқуқ кору фаъолият бурдааст.

Хайруллозода Кароматулло аз соли 2017, бо қарори № 11 аз 29.06.2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров қабул гардида, кори илмиашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Аз соли 2020 то ҳол дар МДТ-и “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров” ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ фаъолият мекунад.

Диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло санаи 29-уми сентябри соли 2023 дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима ва тасдиқ гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобомуллоев Саидмурод Ғиёсович** – доктори илмҳои таърих, профессор, директори Осорхонаи илмии бостонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Раҳимова Шаҳноза Каримовна** – номзади илмҳои таърих, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар тақризи мусбати аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти

кафедраи таърих ва диншиносӣ Дустов Д. таҳиягардида, ки дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносӣ таҳти роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М. санаи 4-уми марти соли 2024 (Суратҷаласаи №8) баррасӣ ва бо имзои ректори донишгоҳи мазкур Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки: "Диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи «Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)» арзиши баланди илмӣ дошта, аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Нуктаҳои асосии илмӣ, мубрамият, фарогирии масоили тадқиқот, хулоса, тавсияҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба меъёрҳои банди 31, 32, 33, 34, 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295) ҷавобгу буда, унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад".

Муаллиф мазмуни асосии рисоларо дар 13 мақолаи илмӣ интишор кардааст, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

***Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[1-М]. Хайруллозода К. К истории изучения раннесредневековых замков Уструшаны/К.Хайруллозода//Ученые записки Худжандского государственного университета имени Б.Г.Гафурова. Гуманитарные науки. №4(57). - Худжанд, 2018. - С.29 – 33. ISSN 2077-4990.

[2-М]. Хайруллозода К. Городище Ширин: История и перспективы изучения/К.Хайруллозода//Ученые записки Худжандского государственного университета имени Б.Г.Гафурова. Гуманитарные науки. №2(59). - Худжанд, 2019. - С.51 – 58. ISSN 2077-4990.

[3-М]. Хайруллозода К. Академик А.П.Окладников – исследователь памятников первобытной истории Северного Таджикистана/К.Хайруллозода //Вестник Таджикского национального Университета №10 (часть 2). - Душанбе, 2019. - С. 8-11. ISSN 2074-1847.

[4-М]. Хайруллозода К. Этапы археологического изучения Северного Таджикистана в советский период (1929-1989гг.)/К.Хайруллозода //Вестник Таджикского национального Университета. - № 10. - Душанбе, 2020.- С.29-32. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Хайруллозода К. Саҳми осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар омӯзиши маданияти моддии халқи тоҷик/А.И.Усмонзода К.Хайруллозода// Номаи донишгоҳ (Ученые записки Худжандского государственного университета имени Б.Г.Гафурова. Гуманитарные науки). №2(75). - Худжанд, 2023. – С.41-47. ISSN 2077-4990.

***Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табърасида***

[6-М]. Хайруллозода К. Аз таърихи омӯзиши оташкадаҳои Осиёи Марказӣ: Оқтепаи ноҳияи Спитамен /К.Хайруллозода// Маводи конференсияи илмӣ-методии минтақавии «Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас дар системаи таҳсилоти муосир». - Меҳробод: «Зиё», 2019. - С.61-63.

[7-М]. Хайруллозода К. Равишҳои омӯзиши таърихи минтақаҳои ҷуғрофӣ (дар мисоли таърихи қалъаҳои асримиёнагии Истаравшан / К.Хайруллозода // Маводи конференсияи таълимӣ-методии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир». Хуҷанд,27-28 ноябри соли 2018. - Хуҷанд, «Нури маърифат», 2018. – С.327-331.

[8-М]. Хайруллозода К. Изображения лука и стрел в петроглифах Таджикистана / М.Косимова, К.Хайруллозода // Сообщение исторического музея Согдийской области, №4. - Худжанд, «Нури маърифат», 2018. - С.240-250.

[9-М]. Хайруллозода К. Вклад узбекских учёных в изучение памятников истории Южного Илака / К.Хайруллозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир» (Хуҷанд, 21-22-юми июни соли 2019). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - С.865-868.

[10-М]. Хайруллозода К. Пешвои миллат ва бунёди мактаби сулҳофаринӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ / К.Хайруллозода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон» (Хуҷанд, 29 октябри соли 2019). – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С.94-96.

[11-М]. Хайруллозода К. Вклад Арендаренко Г.А. в изучение истории и культуры народов Средней Азии / К.Хайруллозода // Суханшиноси ҷавон. Маҷмуаи мақолаҳои олимони ҷавон. Қисми 2. - Хуҷанд: Ношир, 2020. - С.342-352.

[12-М]. Хайруллозода К. Аз таърихи омӯзиши археологӣ-бостонии Истаравшан/К.Хайруллозода//Маводи конференсияи илмӣ-амалии вилоятии «Мақоми ҷавонон дар рушди илм». - Хуҷанд: Меъроҷ, 2020. - С.456-460.,

[13-М]. Хайруллозода К. Бузургдошти ёдгориҳои таърихӣ / К.Хайруллозода // Маҷмӯаи мақолаҳои илмии «Муаммоҳои омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим». - Хуҷанд: Меъроҷ, 2020.-С.297-301.

Ба автореферати диссертатсия чунин тақризҳо ворид шудаанд:

1. **Гадоев Ғозӣ** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат, эрод ҷой надорад;

2. **Қурбонов Ш.Ф.** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи бостоншиносӣ ва мероси ниёгони Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. Тақриз мусбат. Ба сифати эрод норасоиҳои имлоӣ оварда шудааст;

3. **Усмонов Б.** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ӯзбекистони Донишгоҳи давлатии Фарғона. Тақриз мусбат, эрод надорад;

**Гордеева Е.А.** – номзади илмҳои таърих, ходими калони илмии Маркази миллии археологии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Тақриз мусбат, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия Хайруллозода Кароматуллоро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда донистаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), аз ҷумла дар атрофи масъалаҳои дар рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло баррасишаванда таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ бар асоси интихоби дурусту баррасии амиқи маъхазҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсиониаш чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:**

– марҳалаҳои асосии тадқиқоти археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989-уми асри XX;

– таърих ва самтҳои асосии фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои археологӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ;

– комёбиҳои илмии фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои археологӣ оид ба омӯзиши ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ;

– ёдгориҳои асосии археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи шуравӣ (солҳои 1929-1989-ум).

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** диссертасионӣ дар он аст, ки маводи онро метавон дар навиштани корҳои илмӣ оид ба таърихи бостоншиносии Тоҷикистон ва таърихи ватанӣ мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти мазкур бисёр равандҳоро, ки дар таърихи қадим ва ибтидоии асримиёнагии халқи тоҷик ба амал омадаанд, ба таври васеъ мушаххас гардонида, ҷараёни инкишофи илми таърих, афкори илмӣ ва фарҳанги Тоҷикистонро ғанӣ мегардонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** усулҳои муаммоӣ-хронологӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таърихӣ-тартибӣ, таърихӣ-биографӣ самаранок истифода шудаанд. Аз нуқтаи назари методологӣ принсипи ҳудудиву хронологӣ асоси ташаккули сохтори боб ва фаслҳои рисоларо ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин арзёбӣ мешавад,** ки мавод ва хулосаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таълими курсҳои махсус ва омода намудани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ оид ба таърихи археология, таърихи кишваршиносӣ, таърихнигорӣ ва ғайра, метавонанд ба мақсадҳои таълимию педагогӣ истифода гарданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дараҷаи асоснокунии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои рисола дар таҳқиқи илмии манбаъҳо, асосан ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботи мавсимии экспедитсияҳо ва роҳбарони дастаҳои бостоншиносӣ, рӯзномаҳои корӣ ва мақолаҳои чопии бостоншиносон-ҳаффорони ёдгориҳои археологӣ ва адабиёти илмӣ доир ба таҳқиқоти саҳроӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи зинаҳои фаъолияти экспедитсияҳои бостоншиносии Тоҷикистон дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

Муаллиф бар асоси муқоисаи осори бостоншиносон М. Е. Массон, А. Ю. Якубовский, О. И. Смирнова, Б. А. Литвинский, Н. Н. Неъматов, Ӯ. П. Пӯлодов, А. К. Мирбобоев ва дигар муаррихони ватаниву хориҷӣ вазъи таҳқиқи археологии Тоҷикистони Шимолиро дар солҳои 1929-1989 мавриди омӯзиш ва таҳлил карор додааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва илмӣ пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ бо ҷамъоварии маълумоти парокандаву нопурра аз сарчашмаҳои гуногун (хаттӣ, археологӣ, бойгонӣ ва монанди ин) марҳалаҳои таърихи археологии Тоҷикистони Шимолиро аз нав барқарор карда, натиҷаҳои кори гурӯҳу экспедитсияҳои архео-

логиро дар минтақа мавриди омӯзиш қарор дода ва ба фаъолияту бозьёфтҳои илмии бостоншиносони ҳирфаӣ ва умуман, археологияи тоҷик дар даврай шуравӣ баҳо додааст.

**Шурои диссертатсионӣ** зимни баррасии диссертатсия чунин хулоса намуд, ки диссертатсияи пешниҳодшудаи унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло кори илмии ба анҷомрасида буда, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад ва ба талаботи бандҳои марбутаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Дар ҷаласаи №5,аз 5-уми апрели соли 2024 Шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Хайруллозода Кароматулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз **11** нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ **10** нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо **5** нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз **10** нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор **10** -нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор -нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Давлатов М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Исамитдинов Ж.Б.**